# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Декабри 2018

**Тибқи маълумотҳои ҷамъбастӣ сатҳи таваррум[1] дар моҳи декабри соли равон ба 0,3 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта бетағйир мебошад.**

Дар моҳи ҳисоботӣ ба таваррумi бавуқӯъомада асосан болоравии нархи молҳои ғайрихӯроквoрӣ ба андозаи 0,9 фоиз (саҳм дар таваррум 0,3 б.ф.) ва маҳсулоти хӯроквoрӣ ба андозаи 0,2 фоиз (саҳм дар таваррум 0,1 б.ф.) таъсир расонид. Ҳамзамон, коҳишёбии арзиши хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ ба андозаи 0,8 фоиз (-0,1 б.ф.) ба қайд гирифта шуд.

Дар сохтори молҳо ғайрихӯроквoрӣ болоравии нархи либос ва пойафзол ба андозаи 0,9 фоиз (0,1 б.ф.) ба қайд гирифта шуд, ки раванди мазкур тамоюли афзоишёбии муқаррарии мавсимии худро ба монанди солҳои қаблӣ идома дода, ҳамасола дар фасли зимистон бинобар сард шудани боду ҳаво ва зиёд гардидани талабот ба амал меояд. Дар баробари ин, болоравии нархи доруворӣ 1,8 фоиз, ангишт 5,5 фоиз ва дигар асбобҳои маишӣ ба андозаи 1,7 фоиз (дар маҷмӯъ 0,2 б.ф.) ба қайд гирифта шуд.

Нархи маҳсулоти хӯроквoрӣ дар давраи ҳисоботӣ новобаста аз болоравии нархи баъзе аз номгӯи маҳсулоти омили мавсимидошта (бодиринг 35,3 фоиз ва помидор 20,7 фоиз), раванди муътадил дошта, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯроквoрӣ низ ба қайд гирифта шуд. Аз ҷумла, арзоншавии нархи сабзӣ -22,0 фоиз, картошка -6,7 фоиз, карам -6,4 фоиз, пиёз-6,3 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Ҳамзамон, пастравии арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ, аз ҷумла коҳишёбии нархи тарифҳои хизматрасонии нақлиёти мусофирбар 2,5 фоиз (-0,1 б.ф.) ба назар расид.

**Сатҳи таваррум дар соли 2018 ба 5,4 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли гузашта 1,3 б.ф. кам мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки сатҳи таваррум аз нишондиҳандаҳои мақсадноки пешбинишуда тибқи дурнамо (дар соли 2018 то 7,0 фоизи солона) 1,6 фоиз пасттар мебошад.**

Сатҳи таваррумi аслӣ** дар моҳи декабри соли ҷорӣ 0,4 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона бошад, ба 2,7 фоиз[3] баробар шуд. Ба ин раванд нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯроквoрӣ (маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти ширӣ, равғани рустанӣ ва ҳайвонот), молҳои ғайрихӯроквoрӣ (маводи шустушӯй ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таваррумi аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Таваррумi моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтори онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Нишондиҳандаи мақсадноки таваррумi солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Дар пўёии тағйирёбии таваррумии ғайриаслӣ коҳишёбии нисбии нархи бархе аз маҳсулоти хоми хўроквори дар моҳи декабри соли 2018 нисбат ба моҳи қаблӣ ба назар расид. Аз ҷумла, арзоншавии нархи орди навъи якум (-0,4% м/м ё 9,9% с/с), картошка (-6,7% м/м ё -42,0% с/с), пиёз (-6,3% м/м ё -56,7% с/с), сабзӣ (-22,0% м/м ё 51,8% с/с), карам (-6,4% м/м ё 87,4% с/с), нахўд (-0,6% м/м ё -20,0% с/с), лиму (-0,2% м/м ё -23,3% с/с) ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Дар баробари ин, вобаста ба таъсири омилҳои берунӣ, мавсимӣ ва таклифотӣ, нархи гўшти гўсфанд (2,4% м/м ё 8,0% с/с), гўшти гов (0,9% м/м ё 8,9% с/с), гўшти мурғ (8,6% м/м ё 13,6% с/с), равғани пахта (0,7% м/м ё 11,9% с/с), биринҷ (0,2% м/м ё 19,5% с/с), тухм (1,2% м/м ё 3,9% с/с), каду (18,3% м/м ё -6,3% с/с), себ (1,6% м/м ё -3,3% с/с), нок (10,7% м/м ё -9,3% с/с), ангур (24,0% м/м ё 28,5% с/с), помидор (20,7% м/м ё 24,9% с/с) ва бодиринг (35,3% м/м ё -13,3% с/с) раванди болоравӣ дошт.

Дар соли 2018 сатҳи таваррум мўътадил арзёбӣ гардида, раванди тағйирёбии (болоравии) бештари он дар нимсолаи дуюми соли ҷорӣ (4,5 фоиз) дида мешавад, ки раванди мазкур аз таконҳои берунӣ, мавсимӣ ва таклифотӣ вобастагии зич дорад. Дар ин давра (дар давоми моҳҳои июл-декабри с. 2018), нисбатан болоравии нархи орди навъи якум ба андозаи 16,3 фоиз (бинобар сабаби кам гардидани истеҳсоли гандум дар ҷумҳурӣ ва афзоиши ёфтани нархи воридотии он), бензин навъи АИ-92 6,1 фоиз (вобаста ба болоравии нархҳои воридотӣ ва зиёд шудани талабот) ва помидору бодиринг мутаносибан 1,8 маротиба ва 2,4 маротиба (вобаста аз таъсири омилҳои мавсимӣ ва коҳишёбии истеҳсоли онҳо) ба қайд гирифта шуд, ки раванди мазкур бевосита ба таваррумии ҳосилшуда таъсири худро расонид.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ сиёсати пулию қарзии самарабахшро ҷиҳати танзими ҳаҷми пул дар муомилот ва нигоҳдории сатҳи мўътадилии нархҳо равона менамояд.**

**Таваррумии аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумии ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

***Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.***

**Таваррумии аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кўтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррумии умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумии аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумии аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгўи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгўи маҳсулоти бо лаппишҳои кўтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумии аслӣ маҳсулоти хоми хўроквори, маводи сўзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | | Декабр, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **5,2** | **2,5** | **1,9** | **1,7** | **1,6** | **2,3** | **3,5** | **5,0** | **5,3** | **5,5** | **5,4** | **0,3** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **5,4** | **0,9** | **0,0** | **-0,5** | **-2,1** | **-1,9** | **0,7** | **4,8** | **5,6** | **4,9** | **4,9** | **0,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -1,4 | -3,4 | -4,2 | -4,7 | -4,2 | -2,1 | -0,8 | 4,5 | 6,0 | 8,6 | 8,9 | -0,1 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | -5,4 | 1,9 | 3,2 | 5,9 | 8,1 | 10,2 | 13,1 | 15,8 | 16,3 | 17,9 | 19,5 | 0,2 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -0,6 | -6,0 | -7,5 | -8,5 | -8,2 | -5,5 | -4,3 | 3,9 | 6,3 | 9,8 | 9,9 | -0,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,4 | 13,5 | 8,9 | 5,2 | 4,9 | 4,5 | 5,8 | 6,7 | 5,8 | 6,0 | 8,6 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,1 | 14,0 | 7,8 | 3,0 | 3,0 | 2,8 | 5,1 | 6,1 | 5,7 | 5,7 | 8,9 | 0,9 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | 1,9 | -0,6 | 2,4 | 4,7 | 0,1 | -4,2 | 0,0 | 7,7 | 11,5 | 7,6 | 3,9 | 1,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 4,6 | 2,3 | 5,0 | 6,1 | 3,7 | 3,9 | 3,9 | 3,4 | 6,0 | 3,9 | 4,1 | 1,3 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | 4,5 | -2,2 | 4,1 | 7,2 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | -1,4 | 5,4 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -1,6 | -2,5 | -2,2 | -3,6 | -0,8 | 3,5 | 4,0 | 4,7 | 7,8 | 7,5 | 9,2 | 0,6 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 3,9 | 6,4 | 15,7 | 24,5 | 24,2 | 51,6 | 36,9 | 18,2 | 7,2 | 6,9 | 4,0 | 3,8 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | 21,2 | -6,4 | -9,7 | -13,1 | -23,8 | -34,4 | -21,9 | -1,4 | 4,2 | -6,6 | -10,7 | -5,1 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -7,9 | -10,1 | -17,3 | -17,5 | -11,2 | -16,8 | -13,8 | -11,3 | -6,3 | -3,0 | 2,7 | 1,7 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,3 | 0,6 | 2,0 | 3,9 | 3,3 | 4,0 | 3,6 | 3,6 | 3,3 | 3,2 | 2,8 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ** ** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **5,2** | **5,2** | **6,9** | **6,9** | **3,1** | **8,0** | **4,7** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **7,1** | **8,0** | **8,2** | **7,5** | **4,7** | **6,2** | **6,8** | **6,4** | **5,7** | **4,5** | **5,4** | **1,1** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **3,8** | **4,2** | **5,8** | **6,7** | **5,9** | **5,7** | **5,9** | **6,2** | **6,4** | **0,9** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 2,7 | 3,0 | 3,8 | 4,0 | 4,9 | 5,4 | 5,2 | 4,6 | 4,7 | 4,9 | 5,6 | 0,9 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,0 | 6,1 | 6,7 | 6,0 | 7,0 | 6,9 | 6,9 | 7,3 | 0,5 |
| Моводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 4,0 | 3,3 | 1,5 | 0,7 | 1,9 | 1,9 | 3,2 | 4,9 | 5,7 | 6,2 | 0,5 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 2,2 | 0,8 | 1,2 | 1,9 | 4,7 | 4,5 | 9,2 | 7,7 | 9,3 | 10,4 | 1,8 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 17,2 | 14,1 | 8,9 | 11,9 | 26,4 | 27,1 | 20,4 | 14,1 | 15,5 | 18,1 | 12,2 | -0,1 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -7,7 | -8,1 | -8,1 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -12,5 | -8,4 | 4,7 |
| Восоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 2,9 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,5 | 4,5 | 5,2 | 0,7 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 8,5 | 9,1 | 9,5 | 9,7 | 11,9 | 13,1 | 10,6 | 8,4 | 9,0 | 8,7 | 8,3 | 0,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **6,0** | **5,0** | **4,5** | **4,7** | **7,3** | **9,5** | **8,0** | **4,3** | **3,2** | **6,7** | **4,9** | **-0,8** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 12,6 | 11,7 | 11,3 | 13,6 | 20,5 | 19,2 | 14,9 | 11,3 | 5,6 | 14,0 | 10,8 | -0,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 1,4 | 4,6 | 4,6 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 8,4 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 14,2 | 9,4 | 9,4 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,9 | 14,9 | 14,7 | 14,7 | 14,7 | 0,6 | 14,9 | 14,9 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 13,4 | 8,5 | 7,2 | 17,2 | 52,3 | 44,7 | 24,8 | 8,7 | 13,4 | 20,4 | 6,2 | -1,1 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 3,3 | 0,7 | -0,2 | -1,9 | -0,6 | 7,2 | 6,0 | -0,7 | 2,1 | 5,2 | 2,9 | -2,5 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,5 | 1,8 | 2,9 | 3,1 | 3,1 | 1,8 | 2,5 | 2,8 | 3,3 | 0,5 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо